**ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШИОРҲО
## АЗ ПАЁМ ВА СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛИИ ОБ

**Душанбе
2018**

ББК 67.400.5

**БА ИФТИХОРИ ОҒОЗИ ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ "ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР, СОЛҲОИ 2018–2028"**

**Шиорҳо аз Паём ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои глобалии об.** –Душанбе, 2018, 70 саҳ.

Муҳаррири масъул:
**Масрур Абдуллозода**

Дар ин маҷмӯа шиорҳои арзишманд оид ба масъалаҳои глобалии об, гидроэнергетика ва тағйирёбии иқлим аз Паём ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб шудаанд.

Маҷмӯа ба ифтихори оғози Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028", ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби СММ қабул гардидааст, таҳияву чоп шуда, барои истифодаи хизматӣ пешниҳод мегардад.

Эзоҳ: *Ҳангоми интихоби матни шиор ба ҷойи насб ва тарзи навишт диққат дода шавад.*

**ISBN 978-99975-50-33-0** **© Душанбе, 2018**

Нақши ташаббусҳои ҷаҳонии кишвари мо дар бобати об дар татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола назаррас аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд кӯшишу талошамонро ҷиҳати таъмини саривақтии ноилшавӣ ба вазифаву ҳадафҳо дар соҳаи захираҳои об, гидроэнергетика ва тағйирёбии иқлим ҷоннок намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Тоҷикистон дар давоми солҳои ахир бар асари тағйирёбии иқлим обшавии пиряххо ба қайд гирифта шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии давраи гидрологӣ ба амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Осиёи Марказӣ зарурати таҳияи стратегияи ягонаи минтақавии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва истифодаи захираҳои об ба миён омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Камшавии босуръати пиряххҳои минтақа аҳамияти стратегияи ягонаи минтақавии мутобиқшавиро ба тағйирёбии иқлим таъкид менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ба қабули чораҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ки ҷузъи муҳими рушди устувор ба ҳисоб мераванд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зиёфати хоссаи "Амалҳои афзалиятнок дар соҳаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим, коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ дар чорчӯби Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018–2028", 23.03.2018, ИМА**

Итминони комил дорам, ки фаъолияти СММ дар самти ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба истифода ва ҳифзи захираҳои об боз ҳам пурвусъат мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Имрӯз дар ҷаҳон минтақае нест, ки дар масъалаи захираҳои об мушкилот надошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тамоми самтҳо ва соҳаҳои фаъолияти инсонӣ бо захираҳои об алоқаи зич доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Захираҳои об на танҳо неъмати беҳамто, балки меҳвари асосии рушди устувор мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо дар ҷодаи татбиқи Даҳсолаи байналмилалӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об қадам мегузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон дар ҷараёни татбиқи ташаббусҳо доир ба об таҷрибаи арзишманде андӯхт, ки дар анҷом додани вазифаҳои нави сермасъул дар ин самти муҳим кумак хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Ташаббусҳои давлати мо дар бобати об дар тавсеаи маърифати мо доир ба табиат ва нақши ҳаётбахши об дар сайёра саҳми арзишманд гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028"-ро оғоз мекунем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон ба ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар идоракунии захираҳои об мусоидат намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо кӯшишҳои худро ба густариши ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ барои нигаҳдории захираҳои оби тозаи ошомидании сайёра равона намудаем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ташаббус ва талошҳои мо барои таҳияи Барномаи нави Рушди устувор асоси мустаҳкаме гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо тавонистем, ки тавассути талошҳои муштарак дар чаҳорчӯби ташаббусҳои байналмилалӣ дар масъалаҳои глобалии об корҳои зиёдеро ба сомон расонем.

Эмомалӣ Раҳмон

Хусусияти Барномаи нави Рушди устувор ин аст, ки захираҳои об дар он ҳамчун унсури асосии рушд эътироф гардидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Гуфтан мумкин аст, ки ноил шудан ба рушди устувор бе татбиқи мудирият ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ғайриимкон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар пешбурди Барномаи нави Рушди устувор кишварҳои аъзои Гурӯҳи дӯстони об нақши муҳим бозиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо қаноатмандӣ ба ҳамаи кишварҳои ҳаммуаллифи қатъномаи СММ, ки солҳои 2018–2028-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" эълон кард, изҳори ташаккур менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳадафи асосии Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028" иҷрои вазифаҳо дар соҳаи захираҳои об мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018–2028" ба гузариш ба марҳалаи асосии татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо умедворем, ки Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" барои идоракунии якҷояи захираҳои об заминаи муносибе ба вуҷуд хоҳад овард.

Эмомалӣ Раҳмон

Санади «Ҳар қатра об ба ҳисоб гирифта шудааст: Рӯзнома барои амал» тавсия ва ташаббусҳои Панели сатҳи баланди СММ дар соҳаи ҳалли масъалаҳои глобалии обро ҷамъбаст менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Ҳадафҳои Рушди Устувор фаҳмиши арзиши иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва идораи захираҳои об нишон дода шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Панели сатҳи баланди СММ ба таъмини оби ошомидании бехатар ва шароити муносиби беҳдошт, ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон, афзалияти махсус дода шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Ҳадафҳои Рушди Устувор масъалаҳои зиёд кардан ва самаранокии маблағгузорӣ ба инфрасохтори об ва ғайра дарҷ гардидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028" тавсияҳои СММ-ро дар ҳамаи сатҳҳо дастгирӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд омилҳоеро, ки чаҳорчӯб ва имконоти ҳамкории ояндаро дар соҳаи захираҳои об муайян мекунанд, дар назар дошта бошем.

Эмомалӣ Раҳмон

Тавсияҳои Панели сатҳи баланди СММ аз ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор даъват ба амал меоранд, ки дар самти ҳалли масъалаҳои об дар ҳамаи сатҳҳо муттаҳид шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии иқлим ба миқдор ва сифати захираҳои об таъсиргузор аст ва кӯшишҳои моро барои ноил гардидан ба рушди устувор заиф месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар давоми якчанд даҳсолаи охири асри бист ва аввали асри бисту як Тоҷикистон зиёда аз 1000 пирях, яъне тақрибан 30 дарсади пиряхҳои худро аз даст дод.

Эмомалӣ Раҳмон

Солҳои охир таҳти таъсири тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон афзоиши офатҳои табиии марбут ба об мушоҳида мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Офатҳои табиӣ кӯшишҳои моро барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор заиф месозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Афзоиши аҳолӣ ва талабот ба захираҳои об мебошад, ки вазифаҳои нав ва мураккабро пеш меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати зиёд афзоиш меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

Шиддати рақобат барои манбаъҳои об дар шароити камбуди он метавонад ҳатто дар дохили як кишвар боиси пайомадҳои манфӣ гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба таври васеъ ҷорӣ кардани равишҳои якҷояву алоқаманд дар идоракунии захираҳои об имкониятҳои наверо ба вуҷуд меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Занон бояд ба раванди рушд бо тақвияти нақши онҳо дар идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои об фаъолона ҷалб карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷалби самараноки занон ба ин ҷараён кафолати дастовардҳои моро дар ҳалли масъалаҳои об ва умуман, ноилшавӣ ба рушди устувор таъмин месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд воситаҳои татбиқи барномаи обро таҳким бахшем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва фарҳанги истифодаю истеъмоли об метавонад як василаи муҳимми кӯшишҳои муштарак бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо дар соҳаи таъмини об ва беҳдошт имконониятҳои навро ба вуҷуд меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон тайи понздаҳ соли охир барои ҳалли масоили дастрасӣ ба обу беҳдошт қариб як миллиард доллари амрикоӣ сарф кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Тоҷикистон дар панҷ соли охир дастрасии беш аз 1,3 миллион нафарро ба оби тозаи ошомиданӣ таъмин кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Унсури фаромарзии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар таъмини сулҳу субот ва густариши ҳамкориҳо нақши меҳварӣ мебозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкории самаранок метавонад василаи тавсеа дар соҳаи об гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон тақвияти иқтидори ниҳодии ҳамкории байнисарҳадии обӣ ба рушди мутавозини ҳамаи кишварҳои соҳилӣ мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳоло дар Осиёи Марказӣ раванди густариши ҳамгироии минтақавӣ фаъолона идома дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Расидан ба рушди устувор, шукуфоӣ ва амният танҳо тавассути ҳамкории оқилонаву самараноки давлатҳо дар соҳаи об муяссар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Таъмин намудани пешрафти воқеӣ дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи об аз ҳамаи мо иродаи қавии сиёсӣ, захираҳои кофӣ ва тасмимҳои дарозмуддатро тақозо дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", 22.03.2018, ИМА**

Тоҷикистон ҷонибдори пешбурди раванди ҳалли самараноки масъалаҳо дар соҳаи обу энергетика мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бар онем, ки гидроэнергетика омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳо боқӣ мемонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Тоҷикистон, ки дар он 95 дарсади неруи барқ тавассути неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад, вобастагии бевоситаи ин ду омили муҳими рушди устувор равшан зоҳир мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар кишвари мо солона тақрибан 18 миллиард кВт. соат неруи барқ истеҳсол мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз ҷиҳати захираҳои гидроэнергетикӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷойи ҳаштум ва аз рӯйи тақсимоти онҳо ба ҳар сари аҳолӣ ҷойи дуюмро ишғол менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Азхудкунии муштараки захираҳои бузурги об ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар кишвари мо масъалаи обтаъминкунии як қатор соҳаҳои иқтисодиёт аз мавҷудияти неруи барқ вобастагӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ҳамеша омодагии хешро барои ҳамкорӣ дар самти истифодаи самаранок, мутақобилан судманд ва оқилонаи захираҳои обу энергетика изҳор медорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Азхудкунии муштараки захираҳои бузурги об ба таъмини амнияти обӣ ва обтаъминкунӣ кафолат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Баҳрабардорӣ аз иқтидори бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ бо қувваи барқи дастрас ва аз лиҳози экологӣ тоза таъмин шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Истифодаи захираҳои гидроэнергетикии мамлакат ба коҳиши назарраси паҳншавии гази карбон дар атмосфера мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии "Дар ҷустуҷӯйи ҳамбастагӣ байни энергия ва об: Синергия байни Ҳадафҳои шашум ва ҳафтуми рушди устувор". 23.03.2018, ИМА**

Кӯшишу талошҳо дар чаҳорчӯбаи СММ барои вусъати раванди дастрасӣ ба оби ошомидании тоза ва мудирияти фарогири захираҳои об мусоидат мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкории самараноки фаромарзӣ метавонад ба мудирият ва истифодаи оқилонаи захираҳои об мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ба ҳайси кишвари ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" Маркази махсусро таъсис медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии сатҳи баланд таҳти унвони "Дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028", 19.09.2017, ИМА**

Фаъолияти Панели сатҳи баланди СММ ба раванди баланд бардоштани дарки моҳияти об ҷиҳати ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор такони хуб бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон

Нақшаи амали Панели сатҳи баланди СММ барои ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба об мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон дар пешбурди ташаббуси эълон кардани Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018–2028" кишвари пешоҳанг дониста шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳадафи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" боз ҳам баланд бардоштани дарки масъалаҳои об ва барои муттаҳид сохтани талошҳои мо дар ин самт кумак хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Ман итминон дорам, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ аз имкониятҳои Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" васеъ истифода хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" тасмим гирифтааст, ки ҳар ду сол чорабиниҳои сатҳи баландро оид ба раванди татбиқи ин тадбир баргузор намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи чоруми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об, 21.09.2017, ИМА**

Имкониятҳои Тоҷикистон аз лиҳози истифодаи манбаъҳои асосии партови газҳои зарарнок ба ҳаво чандон зиёд нестанд ва 98 дарсади энергияи кишвар дар неругоҳҳои барқи обӣ ва аз лиҳози экологӣ тоза истеҳсол мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Айни замон 60 дарсади захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Боиси хушнудист, ки СММ моҳи декабри соли 2016 бо иттифоқи оро қатъномаро дар бораи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028” қабул намуд, ки ин ташаббуси нави Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Татбиқи амалҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор" барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо умедворем, ки кишварҳои аъзои СММ ба хотири таъмини ҳаёти шоистаи мардуми сайёра ва наслҳои оянда дар раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" фаъолона ширкат хоҳанд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Умумии СММ, 19.09.2017, ИМА**

Мо Созишномаи Париж доир ба иқлимро қабул намудем, ки ҳадафаш роҳҳои асосии талошҳои ҷомеаи ҷаҳониро ҷиҳати гузариш ба иқтисодиёти камкарбон муайян месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бино бар тағйирёбии иқлим шумораи офатҳои табиии марбут ба об дар даҳҳо кишварҳои олам рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Раванди тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряххо гардида, ба ҳаҷми оби дарёҳо ва ба ин васила, ба бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Идомаи раванди обшавии босуръати пиряххо ба ташаккули захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Иштирок ва суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Умумии СММ, 20.09.2017, ИМА**

Таҷрибаи андӯхтаи кишвари мо собит месозад, ки эълони Даҳсолаҳои байналмилалии вобаста ба об ҷиҳати мусоидат ба татбиқи вазифаю ҳадафҳо дар соҳаи рушд судманд мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Зимни пешниҳоди ташаббуси худ оид ба Даҳсолаи навбатӣ мо дар назар доштем, ки дар рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 ҳадафҳои марбут ба захираҳои об дар назди мо вазифаҳои бениҳоят муҳимро мегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Кӯшишу талошҳо дар чаҳорчӯбаи СММ барои вусъатбахшии раванди дастрасӣ ба оби тоза, густариши донишу малака дар соҳаи мудирияти захираҳои об мусоидат менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Тоҷикистон тайи солҳои охир шумораи офатҳои марбут ба об афзоиш ёфтааст. Чунин ҳодисаҳо ҳамасола ба иқтисодиёт ва аҳолии кишвар хисороти зиёд ворид мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тайи панҷ-шаш соли охир дар Тоҷикистон шиддатнокии офатҳои табиӣ тақрибан 25 дарсад зиёд шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Афзоиши босуръати аҳолӣ ва ниёзи он ба оби ошомиданӣ мушкилоти нав ва душвориҳои иловагиро эҷод мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ҷаҳон талабот ба об меафзояд, ки ин боиси тезутунд шудани робитаҳои байни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт шуда, рақобатро барои захираҳои об дар шароити вусъати камобӣ шадидтар мегардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об унсури калидӣ дар роҳи ноилшавӣ ба рушди устувор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкории самараноки фаромарзӣ метавонад ба мудирият ва истифодаи оқилонаву устувори захираҳои об мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд паҳлуҳои гуногуни гендерии ҷараёни гузаришро ба мудирият ва истифодаи оқилонаю устувори захираҳои об ба инобат гирем.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии сатҳи баланд зери унвони "Дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", 19.09.2017, ИМА**

Имрӯз пайомадҳои тағйирёбии иқлим барои ҷаҳду талошҳои аксари кишварҳои ҷаҳон дар роҳи расидан ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Барои кишварҳои минтақаи мо мушкилоту масоили умумие вуҷуд доранд, ки ҳаллу фасли онҳо андешидани чораҳои саривақтиро дар сатҳҳои милливу минтақавӣ тақозо менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дастрасӣ ба манбаъҳои муосири энергетикӣ ва рушди "энергияи сабз" омили калидии ноил шудан ба рушди устувор мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Кишвари мо аз рӯйи истифодаи манбаъҳои тавлиди "энергияи сабз" дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ташаббусҳои глобалии "Энергияи устувор барои ҳама" ва Даҳсолаи байналмилалии "Энергияи устувор барои солҳои 2014–2024"-ро фаъолона ҷонибдорӣ намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Густариши талошҳои муштарак барои таъмини дастрасии фарогири аҳолӣ ба хизматрасониҳои муосир дар соҳаи энергетика ба манфиати тамоми кишварҳои минтақа ва ҷаҳон хоҳад буд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо мақсади сарфаи боз ҳам самараноки захираҳои энергетикӣ зарур аст, ки ҷиҳати маблағгузории соҳаи тавлиди неруи барқ аз манбаъҳои барқароршаванда тадбирҳои муассир андешида шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

Рушди фарогири гидроэнергетика ва дигар соҳаҳои истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои барқароршаванда ба коҳиши партовҳои газҳои заҳролуд ба фазо мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон Созишномаи Париж, ки барои андешидани тадбирҳои муштарак ҷиҳати ҳалли мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим заминаи мусоид муҳайё кардааст, ба тасвиб расонид.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо ин мақсад, дар мамлакати мо сохтори мудирияти чораҳои фаврӣ барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ таъсис дода шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наваду се дарсади Тоҷикистон аз кӯҳҳо иборат аст ва 60 дарсади захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ҷойгир аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамасола дар Тоҷикистон офатҳои гуногуни табиии марбут ба об рӯй медиҳанд, ки ба иқтисоди миллӣ ба маблағи садҳо миллион сомонӣ хисорот ворид намуда, сабабгори талафоти ҷонӣ низ мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряххо гардида, ба ҳаҷми оби дарёҳо ва ба ин васила ба бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Тоҷикистон ба зарурати ҳаллу фасли мушкилоту чолишҳои марбут ба тағйирёбии иқлим таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028" дар роҳи фароҳамсозии шароит барои татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор иқдоми муҳим арзёбӣ мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" дар роҳандозии талошҳои муштарак барои ҳалли мушкилоти вобаста ба мудирияти захираҳои об то соли 2028 нақши назаррас хоҳад бозид.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар масъалаи ҳалли масъалаҳои муҳими глобалии марбут ба об, гидроэнергетика ва тағйирёбии иқлим тайи даҳсолаи гузашта мо бо СММ ва ниҳодҳои тахассусии он ҳамкории созанда доштем.

Эмомалӣ Раҳмон

Умедворем, ки дар раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" низ, ки ҳадафу вазифаҳояш ба нафъи тамоми мардуми сайёра мебошанд, аз ҳамкориҳои судманд бархурдор хоҳем буд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи ҳамоиши сатҳи баланд дар мавзӯи "Таҳкими ҳамкорӣ ҷиҳати расидан ба рушди устувор дар шароити таҳдиду хатарҳои муосир", 12.06.2017, шаҳри Душанбе**

Талошҳои пайгиронаи кишварҳои мо дар самти андешидани чораҳои гармшавии иқлим ва пайомадҳои манфии тағйири он мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳарчанд ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партови газҳои гулхонавӣ ба муҳит дар миқёси олам ночиз мебошад, аммо кишвари мо дар масъалаи тағйирёбии иқлим яке аз давлатҳои осебпазир ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Кишвари мо, ки 93 дарсади қаламраваш кӯҳсор аст, яке аз манбаъҳои асосии оби Осиёи Марказӣ буда, аз пиряххҳои он 60 дарсади захираҳои оби минтақа ташаккул меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

Обшавии босуръати пиряххо бар асари тағйири иқлим ба раванди таъмини шароити мусоиди зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи захираҳои об таҳдиди ҷиддӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷараёни босуръати обшавии пиряххо дар натиҷаи баланд шудани ҳарорати ҳаво боиси афзоиши бесобиқаи офатҳои табиӣ ва таназзули экосистемаи обӣ гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Обшавии босуръати пиряххо ҳар сол сабабгори хароб гаштани иншооти зиёди иқтисоди миллӣ ва ворид шудани хисороти бузурги моддӣ ба аҳолии Тоҷикистон мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бар асари офатҳои табиии вобаста ба об ба аҳолӣ ва иқтисодиёти Тоҷикистон ба маблағи садҳо миллион доллари амрикоӣ зарари моддӣ мерасад.

Эмомалӣ Раҳмон

Вазъи муҳити зист дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ ба сабаби густариши масоҳати заминҳои обӣ, фарсуда гардидани шабакаҳои обёрӣ бештар осебпазир гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон дар ҷараёни таҳияи тарҳи созишномаи нав оид ба тағйирёбии иқлим бо котиботи Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйири иқлим ҳамкории фаъол дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ба мақсади пешгирии пайомадҳои тағйирёбии иқлим то имрӯз барои такмили қонунгузорӣ, сиёсати давлатӣ ва иҷрои тавсияҳои ҳамоишҳои тарафҳои Конвенсия тадбирҳои амалӣ меандешад.

Эмомалӣ Раҳмон

Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим таҳия ва қабул гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

Кишвари мо ба масъалаҳои вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ, ки коҳиши партовҳои газҳои гулхонаиро дар назар доранд, таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ҳамчун давлати пилотӣ дар самти тағйирёбии иқлим бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ва Фонди сармоягузории иқлим ҳамкориҳои муфид анҷом медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бо дарназардошти эътирофи ҳаҷми зиёди партовҳои гулхонавӣ рушди минбаъдаи соҳаи энергияи таҷдидшавандаро омили кам шудани партовҳо медонем.

Эмомалӣ Раҳмон

Кишвари мо ба истифодаи пурсамари манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, ки ба рушди "иқтисоди сабз" мусоидат менамояд, таваҷҷуҳи хос медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бунёди иншооти гидроэнергетикӣ ба коҳиши хавфи офатҳои табиии марбут ба об бештар мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Рушди соҳаи гидроэнергетика аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалии худ барои рушди шабакаҳои интиқоли барқ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам ба мақсади пайвастан бо дигар кишварҳои минтақа чораҳои амалӣ меандешад.

Эмомалӣ Раҳмон

Кишвари мо зимни татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ, бо истифода аз захираҳои ғании обии худ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалиро омили муҳими мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим меҳисобад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон, ки дар саргаҳи дарёҳои асосии фаромарзии минтақа қарор дорад, масъалаҳои вобаста ба имконияти пешгирӣ аз офатҳои табиии марбут ба об ва рафъи пайомадҳои онҳоро муҳим мешуморад.

Эмомалӣ Раҳмон

Рушди соҳаи гидроэнергетика дар Тоҷикистон ва ташаккули шароити мусоиди табодули энергияи таҷдидшаванда миёни кишварҳо метавонад ба пастшавии сатҳи партови газҳои гулхонавӣ дар минтақа мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ба муваффақияти Фонди иқлими сабз барои кумак дар мубориза бо тағйирёбии иқлим, Фонди мутобиқшавӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар ин самт манфиатдор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Истифодаи пурсамари захираҳои об, ки дар раванди тағйири иқлим бештар осебпазир мебошанд, барои дастрасӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор нақши муҳим дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Истифодаи пурсамари захираҳои об, ки дар раванди тағйири иқлим дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амалиёти “Об барои ҳаёт 2005–2015” натиҷаҳои мусбати назаррас ба даст омаданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Имконияти хуби ҳамкориҳо дар ростои истифодаи ҳадафманди захираҳои об дар доираи эълони Даҳсолаи нав таҳти унвони “Об барои рушди устувор”, ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, фароҳам меояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тадбирҳои Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" метавонанд барои нигаҳдории иқлим, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор мусоидат намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон дар самти паст намудани шиддати тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба ин падида дар баробари дигар ҷонибҳои манфиатдор қадамҳои устувор гузоштааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳо ҷиҳати коҳиши партови газҳои гулхонавӣ ба санади дахлдор ниёз дорад. Мо аз раванди таҳияи чунин санади фарогир ҷонибдорӣ намудаем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди шабакаҳои миллии баҳисобгирии газҳои гулхонавӣ, такмили пажӯҳишҳои иқлимӣ ва татбиқи фанновариҳои "сабз" нақши муҳим хоҳад дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

Барои Тоҷикистон татбиқи чораҳои амалӣ дар робита ба ҳифзи экосистемаи кӯҳӣ, аз ҷумла дар самти пешгирӣ аз таназзули захираҳои обӣ ва табиӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Масъалаҳои вобаста ба истифодаи захираҳои об ва заминҳои кишт, тақвияти бахши кишоварзӣ ба мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ таваҷҷуҳи бештари ҷонибҳои манфиатдорро тақозо менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Боздоштани таназзули минбаъдаи муҳити зист дар ҳавзаи баҳри Арал, аз ҷумла ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ва заминҳои кишт амалӣ намудани чораҳои таъхирнопазирро талаб менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар шароити имрӯзаи глобалӣ ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда дар самти кам кардани оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим аз ҳамаи мо тадбирҳои фавриро тақозо дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон барои дастрасӣ ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи ҷомеаи байналмилалӣ дар бобати тағйири иқлим минбаъд низ саҳми худро хоҳад гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси 21-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ дар бораи тағйири иқлим, 30.11.2015, Фаронса**

Дар масоили тағйирёбии иқлим, ки дар асоси Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим таҳия шудааст, санади наверо тасдиқ намуда, бо ин амр яке аз асосҳои гузариш ба рушди устуворро хоҳем гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон

Гузариш ба рушди устувор на танҳо таҷдиди истеҳсолотро бар асоси технологияҳои навтарин тақозо дорад, балки ба тағйироти куллӣ дар тарзи тафаккур ва фарҳанги истеъмолӣ низ ниёз дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Омӯзишҳои бисёрсола аз тақвият ёфтани таъсири тағйироти иқлим ба табиат ва вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвари мо шаҳодат медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи партовҳои гази карбонат ба фазо дар байни кишварҳое, ки камтарин ҳаҷми партови газҳоро доранд, ҷойи 135-умро соҳиб аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Истифодаи васеи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, алалхусус гидроэнергетика, ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва ташаккули «иқтисоди сабз» мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба сифат ва ҳаҷми захираҳои оби нӯшокӣ торафт аёнтар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйироти иқлим ба коҳиш ёфтани захираҳои оби дар пиряху барфкӯҳҳо мавҷуда, афзоиш ёфтани масоҳати обҳои шӯри заминӣ, инчунин, афзоиш ва шиддат ёфтани боришот сабаб гаштааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйироти даврҳои гидрометереологӣ ба амнияти энергетикиву озуқаворӣ ва об таъсири манфӣ дошта, дар пайомад метавонад хатари обхезиву хушксолиро ба бор дошта бошад

Эмомалӣ Раҳмон

Усулҳои то ба имрӯз истифодашавандаи идоракунии захираҳои об ва истифодаи онро таҷдиди назар намудан лозим аст, то мутобиқкунии он бо дарназардошти омили иқлим ва камбуди захираҳои оби ошомиданӣ таъмин гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Осиёи Марказӣ, ки захираҳои об дар он омили калидии таъмини рушди устувори минтақа мебошанд, кайҳост, ки зарурати таҳияи барномаи фарогири минтақавӣ оид ба мутобиқкунӣ ба тағйироти иқлим эҳсос мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Саривақтӣ будани барномаи фарогири минтақавӣ оид ба мутобиқкунӣ ба тағйироти иқлимро зери таъсири тағйирёбии иқлим босуръат коҳиш ёфтани масоҳати пиряхҳои минтақа низ тақозо дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба наздикӣ мо "харитаи роҳи рушди устувор"-ро тасдиқ намудем, ки он бахши обро ҳамаҷониба фаро мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

Минбаъд дар шароити шиддат ёфтани таъсири тағйироти иқлим, афзоиши аҳолӣ, буҳронҳои озуқаворию энергетикӣ ба соҳаи захираҳои об мо бояд саъю талоши бузург ба харҷ диҳем, то ба ҳадафҳои гузошташуда расем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба ақидаи мо рушди ҳамкорӣ ва дипломатияи об ба андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати коҳиш додани ин равандҳои харобиовар ва сари вақт ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор мусоидат хоҳанд кард.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубоҳисоти умумии Иҷлосияи 70-уми Маҷмаи Умумии СММ, 29.09.2015, ИМА**

Тайи даҳсолаи охир пайомадҳои манфии тағйироти иқлим, ки ба андозаи муайян ба фаъолияти инсон иртибот дорад, ҳар чи бештар аз худ дарак медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Таъсири манфии тағйироти иқлим ба ҳаҷм ва сифати захираҳои оби тозаи нӯшокӣ рӯз ба рӯз возеҳтар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тайи даҳсолаи охир дар Тоҷикистон ба таври назаррас кам шудани масоҳати пиряххо ба қайд гирифта шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйири даври гидрологӣ, ки он ба амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи минтақаҳое мебошад, ки дар паҳнои он тағйироти иқлим аллакай ба пайомадҳои муайяни манфӣ сабаб шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Тоҷикистон  Нақшаи миллии амалиётро оид ба сабук намудани пайомадҳои тағйири иқлим тасдиқ намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конвенсияи қолабии СММ дар бораи тағйири иқлим се гузориши миллӣ омода кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Масъалаҳои тағйири иқлим ва амалисозии чораҳои мутобиқсозӣ ба ҷузъи муҳими Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030 табдил ёфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Тоҷикистон Барномаи давлатиро оид ба таҳқиқ ва ҳифзи пиряххо барои солҳои 2010–2030 тасдиқ намуд. Мо ба коре оғоз бахшидем, ки барои тамоми Осиёи Марказӣ аҳамияти илмиву амалӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тибқи арзёбии пешакии олимон, таҳқиқи намунаҳои ҷинси пиряххои бузурги Тоҷикистон барои арзёбии ҳолати глобалии пиряххо ва тағйири иқлим аҳамияти хосса хоҳад дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

Тадбирҳои самаранок оид ба сабуксозии пайомадҳои тағйири иқлим муттаҳид намудани талошҳои моро дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ тақозо доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Осиёи Марказӣ зарурати таҳияву татбиқи стратегияи минтақавии маҷмӯӣ оид ба мутобиқсозӣ ба тағйири иқлим кайҳо ба миён омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Стратегияи мутобиқсозӣ ба тағйири иқлим бояд тадбирҳои мутобиқсозиеро фаро гирад, ки дар дурнамои миёна ва дарозмуҳлат ба таъмини амнияти минтақа дар арсаи об мусоидат намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо дар доираи омодагӣ ба Конфронси СММ дар бораи тағйири иқлим санадеро бо номи "Саҳми пешбинишаванда ва муайяншавандаи миллӣ" омода намудем.

Эмомалӣ Раҳмон

**Иштирок ва суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муколамаи интерактивии Саммити 2015 оид ба мавзӯи "Ба хотири ҳифзи сайёраи мо ва дар ҷодаи мубориза бо тағйирёбии иқлим", 28.09.2015, ИМА**

Рушди соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла бахшҳои нақлиёт ва энергетика дар Тоҷикистон метавонад ба тамоми иқтисодиёт таъсири гуногунҷанба дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Рушди гидроэнергетика имкон медиҳад, ки миқдори партовҳои зарарнок, ки аз омилҳои асосии ҳалли мушкилот дар раванди тағйирёбии иқлим мебошанд, кам карда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон иқтидори энергетикии худро дар заминаи боэътимод ва барномарезишудаи рушди ҳамгироёнаи энергияи таҷдидшаванда ташакккул медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Раванди сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд ва миёна, бунёди неругоҳҳои калон дар асоси лоиҳаҳои дорои хусусияти минтақавӣ густариш меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамаи лоиҳаҳои бунёди неругоҳҳои барқи обӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди устувори энергияи муосир ба таври шаффоф амалӣ мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бунёди неругоҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ ҷиҳати таъмини рушди устувор ва боло бурдани сатҳи зиндагии на фақат мардуми Тоҷикистон, балки тамоми минтақа мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Амалӣ гардидани лоиҳаи "КАСА–1000" ба афзоиши содироти неруи барқ аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Афғонистону Покистон тавлиди маҳсулоти саноатӣ ва таъмини амнияти энергетикиро дар ҳар ду минтақа иҷро хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми сатҳи баланди кишварҳои рӯ ба инкишофи маҳсур дар хушкӣ, 29.09.2015, ИМА**

Об як ҷузъи зарурии рушди устувор ва "иқтисодиёти сабз" аст. Бинобар ин,  мо итминон дорем, ки дар доираи Конфронси СММ ба ҳалли масоили об таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо барои татбиқи босуръати рӯзномаи оби СММ ва пурра кардани он бо чораҳои муосири амалӣ ҷиҳати ҳалли ботадриҷи ҳама мушкилоту таҳдидҳо, ки бо об алоқамандӣ доранд, хеле ҳавасманд ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

Таназзул ва коҳишёбии захираҳои оби тоза барои рушди устувор монеа эҷод намуда, аз зарурати ҳамкориҳо байни бахшҳои асосии истифодабарандаи захираҳои об шаҳодат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Маҳз рушди ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ байни истифодабарандагони об метавонад дар амри расидан ба ҳадафҳои таъмини обу беҳдошт ва ҳифзи захираҳои об барои наслҳои оянда мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Солҳои охир Тоҷикистон доир ба гузаронидани чорабиниҳои байналмилалии гуногун дар масъалаҳои глобалии об ташаббускор гардид, ки аз ҷониби СММ дастгирӣ ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон

Эътирофи мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби аҳолии осебпазир, ки барои ҳалли масъалаҳои таъминоти об ва санитария шароити зарурӣ ва маблағҳои кофӣ надоранд, хеле муҳим аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Имрӯз дар ҷаҳон садҳо миллион одамон дар вазъи осебпазир қарор доранд. Набудани имконоти дастрасӣ ба оби тоза барои чунин гурӯҳи одамон даҳҳо мушкилотро ба бор меоварад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мушкилоти имконоти дастрасӣ ба оби тоза дар Эъломияи Ҳазорсола дарҷ ёфтааст. Ҷиҳати ҳалли он ҳамкории ҳамаҷонибаро ривоҷ додан зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон кишвари соҳиби об ба ҳисоб рафта, қариб 60 дарсади захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ташаккул меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон аз чунин вазъият раҳоӣ ёфтанро танҳо дар рушди гидроэнергетикаи худӣ, бо дарназардошти эҳтиёҷоти кишварҳои минтақа ба захираҳои об ва ҳифзи муҳити зист мебинад.

Эмомалӣ Раҳмон

Танҳо ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар масъалаҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои обу энергетика метавонад ба ҳалли мушкилот мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба масъалаи ҳамкориҳо дар соҳаи об масоили мубориза бо офатҳои табиӣ, ки бо об алоқамандӣ доранд, низ шомиланд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар масъалаи мубориза бо офатҳои табиӣ, ки марбути обанд, ҳамкории мутақобилаи кишварҳои минтақа низ тақвият дода шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар масоили таъминоти об нуктаи асосӣ таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи об дар сатҳи минтақа ва байни кишварҳои ҳавзаи обҳои фаромарзӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Минтақаи мо бо яке аз мушкилоти экологии ҷаҳонӣ – хушкшавии баҳри Арал рӯбарӯ шуд. Натиҷаҳои манфии ин раванд қариб ҳама соҳаҳои Осиёи Марказиро фаро гирифтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Сабабҳои асосии хушк шудани  баҳри Арал талафоти хеле зиёди об ҳангоми обёрӣ, азхудкунии аз ҳад зиёди заминҳо дар замони Шӯравӣ барои парваришу истеҳсоли зироатҳое, мисли пахта ва шолӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз буҳрони бузурги экологӣ танҳо тавассути аз ҷониби давлатҳои Осиёи Марказӣ андешидани чораҳои мушаххаси самарабахш баромадан мумкин аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон  ҷиҳати сарфаи об бо кам намудани сеяки масоҳати майдони пахтазор дар панҷсолаи охир дар ҳалли мушкилоти экологӣ  намунаи ибрат нишон дод.

Эмомалӣ Раҳмон

Афзоиши аҳолӣ ва азхудкунии майдонҳои аз ҳад зиёди заминҳои нав ва бо суръат обшавии пиряххо ба зиёд шудани истифодаи об ва камшавии микдори оби дарёҳо оварда мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ин вазъи бухронӣ  давлатҳои минтақа танҳо ба рушди ҳамкорӣ ва шарикӣ дар соҳаи об, бо таҷдиди назар дар барномаю стратегияҳои истифодаи об метавонанд масъаларо ҳаллу фасл намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд таҷрибаи пешрафтаро оид ба идоракунии якҷояи захираҳои об ва истифодабарии оқилонаи онҳоро ва пеш аз ҳама дар ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ амиқан омӯзем.

Эмомалӣ Раҳмон

Бояд механизмҳои мусоидат ва кумакрасонӣ ба он кишвару минтақаҳое, ки дар масъалаи истифодабарии якҷояи захираҳои об ихтилоф ва нофаҳмиҳо доранд, танзим дода шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии  Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии махсус  оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, 22.06.2012, Бразилия**

Он донишу таҷрибае, ки дар ташаббусҳои байналмилалӣ дар бобати масъалаҳои глобалии  об андӯхтем, ба мо имкон медиҳанд, ки ба хотири расидан ба тамоми ҳадафҳо дар арсаи об монеаҳои мавҷударо бартараф созем.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии сатҳи баланд дар ҳошияи Саммити СММ оид ба мавзӯи "Ҳавасмандгардонии раванди татбиқи амалӣ ва дастёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи об", 27.09.2015, ИМА**

Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ на танҳо чун ташаббускори баррасии мавзӯъҳои об, балки чун ҷонибдори амалӣ намудани чораҳои мушаххас доир ба истифодаи ин захираи ҳаётан муҳим бароmад мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Кӯшишу талошҳои Тоҷикистон дар масоили об ба таҳкими ҳамкории байналмилалии одилона ва мутақобилан судманд равона шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкорӣ дар соҳаи об бояд боввариро дар байни ҳамаи истифодакунандагони об таҳким бахшида, барои татбиқи идораи мувофиқашудаи захираҳои об мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ташаббусҳои байналмилалии худро барои ҳамоҳангсозии пурсамари талошҳои ширкаткунандагони манфиатдор дар ҳалли мушкилоти дар соҳаи об мебинад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон дар ҷодаи пешбурди сиёсати обӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ташаббускор аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон дар пешбурди сиёсати ҳадафманди обӣ на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар миқёси минтақа ва ҷаҳон тадбирҳои муассиру созанда меандешад.

Эмомалӣ Раҳмон

Об метавонад ҳамчун мавзӯи сар задани танишу низоъ бошад ва ҳам метавонад барои ҳамкориҳои фароху густарда байни давлатҳо имкониятҳо фароҳам орад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон бо иқдомҳои байналмилалии худ барои бунёди заминаи мустаҳками ҳамкориҳои фарогир байни кишварҳо дар соҳаи об нақши калидиро мебозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бояд таҷрибаи пешрафта доир ба идоракунии якҷояи захираҳои об ва истифодабарии оқилонаи онҳо дар ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ амиқан мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирад.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз кӯшишҳои дастаҷамъонаи мо ҳаёти шоистаи онҳое вобаста аст, ки имрӯз ба оби ошомидании бехатар ва беҳдошт, энергия ва озуқа дастрасӣ надоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз кӯшиш ва талошҳои мо сулҳу амонӣ, имконияти ҳифзи захираҳои об – манбаи асосии ҳаёт дар рӯйи Замин барои наслҳои оянда вобастагӣ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Тоҷикистон дар чорабинии махсус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об дар доираи Конфронси СММ оид ба рушди устувор, 22.06.2012, Бразилия**

Маҳз рушди ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ байни истифодабарандагони гуногуни об метавонад дар амри расидан ба ҳадафҳои таъмини обу беҳдошт ва ҳифзи захираҳои об барои наслҳои оянда мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ин росто нақши гидроэнергетика, ки яке аз афзалиятҳои калидии рушди устувор ва манбаи асосии истеҳсоли барқ мебошад, бузург аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар масъалаҳои таъмини об нуктаи асосӣ таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи об дар сатҳи минтақа ва байни кишварҳои ҳавзаи обҳои фаромарзӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд таҷрибаи пешрафтаро оид ба идоракунии якҷояи захираҳои об ва истифодабарии оқилонаи онҳоро ва пеш аз ҳама дар ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ амиқан омӯзем.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии махсус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, 22.06.2012, Бразилия**

Истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ки қисми асосии "иқтисоди сабз" мебошад, рушди соҳаи иҷтимоӣ ва нигоҳ доштани системаҳои экологӣ ҷузъи сиёсати ислоҳот дар Тоҷикистон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи барномаю лоиҳаҳои бахши гидроэнергетика ба бунёди неругоҳҳои хурду миёнаи барқӣ, ки минтақаҳои кӯҳсори мамлакатро бо барқ таъмин менамоянд, аҳамияти калон дода мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси Дабири Кулли СММ – "Энергетикаи устувор барои ҳама"-ро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мамлакати мо неруи бузурги гидроэнергетикӣ дошта ваояндаи он вобаста ба истифодаи самарабахшу оқилонаи ин навъи энергия мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳиссаи энергияи неругоҳҳои барқи обӣ ба баланси энергетикии Тоҷикистон 98 дарсадро ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон чаҳор дарсади захираҳои ҷаҳонии гидроэнергетикиро дорост, ки он дар як сол 527 миллиард киловатт-соатро ташкил медиҳад. Ин рақам аз эҳтиёҷоти ҳозираи минтақа ба неруи барқ беш аз се баробар зиёд аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Қудрати содиротии Тоҷикистон метавонад то соли 2020-ум 30 миллиард киловатт-соатро ташкил диҳад, ки ин ҳам ба рушди "иқтисоди сабз" дар кишвар мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ин самт натиҷаҳои амалиро метавон бо усули ташкили идораи устувори захираҳои об ҳалли проблемаҳои хоҷагии об дар сатҳи миллӣ ва минтақавиро ба даст овард.

Эмомалӣ Раҳмон

Вақтҳои охир сарварон ва ҳукуматҳои ҷаҳон аксаран ба масъалаҳои захираҳои об таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, зеро онҳо бо дарназардошти аҳамияти стратегии худ барои ҳалли масъалаҳои рушди устувор басо муҳиманд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкорӣ дар бахши захираҳои об барои расидан ба мақсадҳои соҳаи рушд. ки дар Эъломияи ҳазорсолаи СММ зикр ёфтаанд, аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Об ҳамчунин омилест, ки муносибатҳои мутақобилаи минтақавиро ташаккул медиҳаду сулҳу амният аз бисёр ҷиҳат вобаста ба он мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо умедворем, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон барои расидан ба мақсадҳои дар сатҳи байналмилалӣ мутобиқшудаи бахши таъмини обу беҳдошт ва нигоҳ доштани захираҳои об мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйир ёфтани иқлим яке аз таҳдидҳои имрӯзаест, ки минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, мувоҷеҳи он мешаванд. Оқибатҳои экологию иҷтимоии тағйири иқлим боиси ташвиши умум мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Таъсири манфии тағйири иқлимро дар мисоли обшавии пиряхҳои Тоҷикистон равшан дидан мумкин аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Тоҷикистон беш аз 14 ҳазор пиряхи калону хурд мавҷуд буд, ки қариб шаст дарсади маҷрои дарёҳои минтақаро таъмин менамоянд. Танҳо тайи чанд даҳсолаи охир беш аз ҳазортои онҳо аз байн рафтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар партави тағйирёбии иқлим ва рушди демографии кишварҳои минтақа пиряхҳо, захираҳои барф, кӯлу дарёҳои кӯҳӣ ва манбаъҳои дигари захираҳои оби минтақа ва суботи экологӣ таваҷҷуҳи хосро тақозо мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо дарназардошти ин мо умедворем, ки ниҳодҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳои мададгор пешниҳоди моро дар бораи таъсис додани Бунёди байналмилалии Нигоҳдории пиряхҳо дастгирӣ мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйири иқлим ҳамчунин хавфи афзоиши суръат ва зуд-зуд такрор ёфтани офатҳои табииро ба миён меоранд, ки онҳо монеаи ҷиддии сари роҳи расидан ба рушди устувор мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Офатҳои табиӣ на фақат зарари ғайричашмдошт мерасонанд, балки кӯшишҳоро дар бобати расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор ҳам суст мегардонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Кӯҳҳои Тоҷикистон на фақат манбаи муҳимтарини захираҳои об, балки барои бар ҳаёт мондани системаи экологии минтақа ҳам мақоми асосӣ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ба масоили ҳамкорӣ дар масъалаҳои идораи рушди захираҳои кӯҳистон ва рушди иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақаҳои кӯҳсори ҷаҳон ҳар чи бештар таваҷҷуҳ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Харобшавии экологӣ барои эҳёи муҳити зист вақти кофиро боқӣ намегузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз хушкшавии баҳри Арал, ки сабаби асосии он истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои оби минтақа мебошад, манзараи ногуворро метавон мушоҳида намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Системаҳои куҳнашудаи обёрӣ ва талафоти бузурги об мушкилоти оби Осиёи Марказиро сол то сол душвортар мегардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳалли мушкилоти экологӣ ҷорӣ намудани «технологияҳои сабз» дар бахши обёрӣ, ҳамгироии захираҳои об дар сатҳи кишвару минтақа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Сарфаи воқеии обро дар бахши кишоварзии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо роҳи риояи меъёрҳои хароҷоти об ҳангоми обёрии киштзор ба даст овардан мумкин аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба мақсад мувофиқ аст, ки сатҳи миллии идораи ҳамгироишудаи захираҳои об пайваста бо сатҳҳои минтақавию глобалии рушди "иқтисоди сабз" роҳандозӣ шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи умумии Конфронси СММ оид ба рушди устувор, 21.06.2012, Бразилия**

Беҳтар гардидани вазъи мавҷуда ва рушди минбаъдаи устувори Осиёи Марказӣ фақат ба ҳамкории мутақобилан судманд дар бахши истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақа вобаста аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ҳавзаи баҳри Арал, ба ғайр аз стратегияҳои миллӣ, бояд стратегияи ягонаи минтақавии истифодабарии захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ амалӣ шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии якҷояи ЮНЕСКО ва механизми "СММ–Об" доир ба масоили Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 20.06.2012, Бразилия**

Истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ, ки қисмати асосии "иқтисоди сабз" ба шумор меравад, рушди соҳаи иҷтимоӣ, нигоҳ доштани системаҳои экологӣ ва ғайра ҷузъи сиёсати ислоҳот дар Тоҷикистон мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар сурати роҳандозӣ намудани ҳамкории якхела қудрати содиротии Тоҷикистон метавонист то соли 2020-ум 30 миллиард киловатт-соатро ташкил диҳад, ки ин ҳам ба рушди "иқтисоди сабз" дар кишвар мусоидат менамуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Имрӯз бояд масъалаҳои истифодаи самарабахши захираҳои энергетикӣ ва оби минтақа бо дарназардошти одат кардан ба тағйири иқлим мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар самти истифодаи самарабахши захираҳои энергетикӣ ва оби минтақа натиҷаҳои амалиро бо усули ташкили идораи захираҳои об ва ҳалли проблемаҳои хоҷагии об дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ба даст овардан мумкин аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Об ҳамчунин омилест, ки муносибатҳои мутақобилаи минтақавиро ташаккул медиҳаду сулҳу амният аз бисёр ҷиҳат вобаста ба он мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи умумии Конфронси СММ оид ба рушди устувор, 21.06.2012, Бразилия**

Амалӣ намудани чораҳои қатъӣ барои пешгирӣ аз тағйирёбии иқлим ва истифодаи босамари захираҳои обӣ аз шартҳои асосии расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсолаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии иқлим масъалаи бе ин ҳам душвори камбуди оби тозаро дар минтақаҳои алоҳидаи сайёра, аз ҷумла Осиёи Марказӣ боз ҳам душвортар мегардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар зарфи сӣ соли охир аз 14 ҳазор пиряхи ҳудуди Тоҷикистон ба нестӣ расидани беш аз ҳазор адади онҳо натиҷаи гармшавии иқлим ва аз ҳад зиёд ба фазо рафтани партовҳои карбонӣ дар минтақа мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон иқтидори энергетикии худро дар асоси азхудкунии комплексии манбаъҳои барқароршавандаи энергия пайгирона ва мақсаднок тараққӣ хоҳад дод.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар кишвари мо баробари сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ масъалаи истифодаи энергияи шамол ва офтоб низ мавриди омӯзиш қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи об ҳамкориҳоро дар самтҳои дигар ба нестӣ набурда, баръакс, онҳоро бояд густариш диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубоҳисоти умумии Иҷлосияи 65-уми СММ, 23.09.2010, ИМА**

Масъалаи таъмин намудани аҳолӣ бо об ва шароити санитарӣ сол то сол аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйир ёфтани иқлим, бухронҳои шадиди молиявию озуқаворӣ, суръати пасти пешрафти иқтисодиёт ба саъю талоши давлатҳо барои обу беҳдошт таъсири манфӣ мерасонанд ва самараи онҳоро коҳиш медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳанӯз беш як миллиард сокини сайёраи Замин аз истифодаи оби тозаи ошомиданӣ маҳрум буда, қариб 2,6 миллиард нафар ба шароити одитарини беҳдоштиву техникӣ дастрасӣ надоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади беҳбуди таъмини об «Барномаи беҳтар сохтани таъминоти аҳолии Тоҷикистон бо оби тозаи ошомиданӣ барои давраи солҳои 2008–2020»-ро қабул намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Амалӣ сохтани ҳамаи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бо масъалаҳои таъминоти об ва беҳтар сохтани шароити беҳдоштӣ зич алоқаманд мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Захираҳои об дар мустаҳкам шудани ҳамкориҳои миёни давлатҳо нақши муҳим мебозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар таърих бисёр низоъҳои байни давлатҳо маълуманд, ки дар асоси ихтилофи назар доир ба масъалаҳои об рӯй додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Об дар аксари мавридҳо дар ҷаҳон на ҳамчун омили ҷудокунандаи одамону давлатҳо, балки чун муттаҳидсозандаи онҳо нақши муҳим мебозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дарёҳои сарҳадгузар бaрои садҳо миллион одамон захираи муҳими ҳаёт, таъмини амният, муҳити зист ва равобити сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Воқеаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки фалокатҳои вобаста ба об дар тамоми ҷаҳон ба ҳаёт ва амнияти аҳолӣ таҳдид менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Фалокатҳои марбут ба об хусусан, ба мамлакатҳои рӯбаинкишоф ва ба шароити зиндагии табақаҳои камбизоату қашшоқи аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бухрони об, ки бо сабаби афзоиши аҳолӣ ва тағйироти глобалии иқлим тезутунд гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ғайриоқилона истифода бурдани захираҳои об дар Осиёи Марказӣ ба оқибатҳои нохуш оварда расонид.

Эмомалӣ Раҳмон

Сарфи беҳудаи об ҳангоми обёрии заминҳо сабаби хушк шудани баҳри Арал гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳалли мушкилоти баҳри Арал аз давлатҳои минтақа гузоштани сармояи бузург ба соҳаи об ва омодагӣ ба истифодаи оқилонаи захираҳои обу энергетикаи тамоми минтақаро тақозо дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон ҳамчун яке аз тадбирҳои ҳалли масъалаи таъминоти об ва беҳтар сохтани шароити беҳдоштӣ дар минтақа пешниҳод намуд, ки аз кӯли Сарез ба мамлакатҳои минтақа хатти обрасонӣ кашида шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Оби кӯли Сарезро барои таъмини сокинони минтақа истифода бурдан мумкин аст. Ин тадбир ҳамзамон имкон медиҳад, ки хавфи харобшавии сарбанди табиии кӯли мазкур пешгирӣ карда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикон аз замонҳои қадим об додан ба одамонро кори некутарин ва савоби бузург мешуморанд. Бовар дорам, ки фалсафаи ин ҳикмат заминаи асосии тадбирҳои минбаъдаи моро дар ҳалли масъалаҳои об ташкил хоҳад дод.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар машварати махсус бахшида ба мавзӯи "Ҳалли проблемаҳои ҷаҳонии обу беҳдошт – вазифаи асосии амалӣ сохтани Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола", 22.09.2010, ИМА**

Гузариш ба рушди устувор ба ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли проблемаҳои тағйирёбии иқлим, ҳифзи гуногуннавъии биологӣ ва биёбоншавӣ вобаста мебошад, ки ҳалли ин масъалаҳо ба дарки амиқ ва иқдомоти мувофиқашуда эҳтиёҷ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ гардидани тадбирҳои кам кардани партовҳои зарарнок ба ҳаво ва истифодаи технологияҳои ба иқтисодиёти камкарбон мусоидаткунанда кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии иқлим ба захираҳои оби тоза таъсири манфӣ расонида, хавфи обхезӣ ва селу ярчҳо, хушксолӣ ва фалокатҳои дигари табиии вобаста ба обро бештар мегардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии иқлим масъалаи бе ин ҳам душвори камбуди оби тозаро дар минтақаҳои алоҳидаи сайёра боз ҳам душвортар мегардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тибқи баъзе пешгӯйиҳо то соли 2025 беш аз сеяки аҳолии кураи Замин аз нарасидани об танқисӣ хоҳад кашид ва то соли 2050 аҳолии сайёра имкони пурра таъмин намудани талаботи худро ба об нахоҳад дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо чун ташаббускори муҳокимаи мушкилоти марбут ба об дар арсаи байналмилалӣ ҷонибдори қабули қарорҳои мушаххас ҷиҳати истифодаи оқилонаю самарабахши ин неъмати ҳаётан муҳим ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

Кӯшишҳои Тоҷикистон дар масъалаи об ба истифодаи устувору самарабахши захираҳои оби мамлакат ва таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд ва одилонаи минтақавӣ нигаронида шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бовар дорем, ки ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи об бояд ҳамкориҳоро дар самтҳои дигар ба нестӣ набурда, баръакс, бояд онҳоро тавсеа бахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамкорӣ бояд эътимоди ҳамаи истифодабарандагони захираҳои обро боз ҳам таҳким бахшида, ба ҷорӣ намудани идораи муштараки захираҳои об дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва минтақавӣ мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Гузариши саросарӣ ба истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ҷузъи муҳимтарини масъалаи пешгирии оқибатҳои тағйирёбии иқлим мебошад, ки ба кам гардидани миқдори партовҳои зарарнок ба ҳаво мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бояд нақшаву барномаҳое дастгирӣ карда шаванд, ки ҳиссаи навъҳои энергияи барқароршавандаро дар миқёси ҷаҳонӣ бештар сохта, ба истифодаи технологияҳои нав мусоидат намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусро дар бораи таъмини баҳрабардории саросарӣ аз хизматрасониҳои имрӯзаи энергетикӣ пурра дастгирӣ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Таъмини бахрабардории саросарӣ аз хизматрасониҳои имрӯзаи энергетикӣ кафолати татбиқи муваффақонаи ҳамаи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон иқтидори энергетикии худро дар асоси азхудкунии комплексии манбаъҳои барқароршавандаи энергия пайгирона ва мақсаднок тараққӣ хоҳад дод.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар кишвари мо баробари сохтмони неругоҳҳои барқии хурду миёна амалӣ сохтани барномаҳои миқёсан бузурги дорои аҳамияти минтақавӣ баррасӣ гардида, масъалаи истифодаи неруи шамол ва офтоб низ мавриди омӯзиш қарор дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 65-уми Маҷмаи Кулли СММ, 23.09.2010, ИМА**

Вазъи мураккаби ҷуғрофӣ аз сабаби тағйироти иқлим Тоҷикистонро бо офатҳои табиии афзуда рӯбарӯ месозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Қариб ҳар сол фалокатҳои табиӣ, ки пешгӯйии онҳо фавқулода мураккаб аст, ба кишвари мо зарари бузурги моддӣ ва маънавӣ мерасонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Тоҷикистон ҳар сол барои пешгирӣ намудани ҳодисаҳо ва оқибати офатҳои табиӣ маблағҳои бузург сарф мекунад, вале онҳо кӯшишу талошҳои моро барбод медиҳанд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими муаррифӣ/ҷошти корӣ "Ҳадафҳои Ҳазорсола: дастовардҳои Тоҷикистон", 21.09.2010, ИМА**

Кишвари мо аз рӯйи нишондиҳандаи партови газҳо, агар дар дунё дар байни 213 кишвар ҷойи 105-ум бошад, дар минтақа ҷойи охиринро ишғол менамояд ва ин ба шарофати истифодаи манбаи барқароршавандаи энергия – об аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, имрӯз барои рушди ҳамаҷонибаи ин соҳа кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Тоҷикистон теъдоди зиёди неругоҳҳои барқи обӣ бунёд карда мешаванд, ки на танҳо аҳамияти энергетикӣ доранд, балки барои қонеъ гардонидани талаботи давлатҳои минтақа дар соҳаи обёрӣ нақши муҳим мебозанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Об неъмати бебаҳо ва ҳаётан муҳим мебошад ва мо ба он арҷ мегузорем. Дар ин маврид дар урфияти тоҷикӣ мегӯянд: "Об дорӣ, обрӯ дорӣ".

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии иқлим ба захираҳои оби тоза таъсири манфӣ расонида, хавфи обхезӣ ва селу ярчҳо, хушксолӣ ва фалокатҳои дигари табиии вобаста ба обро бештар мегардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии иқлим масъалаи бе ин ҳам душвори камбуди оби тозаро дар минтақаҳои алоҳидаи сайёра боз ҳам душвортар менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тибқи баъзе пешгӯйиҳои донишмандон то соли 2025 беш аз сеяки аҳолии кураи Замин аз нарасидани об танқисӣ хоҳад кашид ва то соли 2050 аҳолии сайёра имконияти пурра таъмин намудани талаботи худро ба об нахоҳад дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо на танҳо чун ташаббускори муҳокимаи проблемаҳои марбут ба об дар арсаи байналмилалӣ амал мекунем, балки ҷонибдори қабули қарорҳои мушаххас ҷиҳати истифодаи оқилонаи ин неъмати ҳаётан муҳим ҳастем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамаи ин иқдомот ба омӯзиши амиқи проблемаҳои об ва таҳияи тадбирҳои дахлдори ҳамоҳангшудаи ҷомеаи байналмилалӣ равона карда шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Кӯшишҳои Тоҷикистон дар масъалаи об ба истифодаи самарабахши захираҳои оби мамлакат ва таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд ва одилонаи минтақавӣ нигаронида шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо эътиқодманд ҳастем, ки ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи об бояд ҳамкориҳоро дар самтҳои дигар ба нестӣ набурда, баръакс, бояд онҳоро тавсеа бахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 65-уми Маҷмаи Кулли СММ, 23.09.2010, ИМА**

Дар кишвари мо низ бо вуҷуди фаровонии захираҳои об як қисми аҳолӣ аз сабаби набудани шабакаҳои обрасонӣ ва дастрасӣ ба оби тоза бо мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар машварати махсус бахшида ба мавзӯи "Ҳалли проблемаҳои ҷаҳонии обу беҳдошт – вазифаи асосии амалӣ сохтани Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола", 22.09.2010, ИМА**

Захираҳои об дар ҳамкории миёни давлатҳо нақши муҳим мебозанд. Дар таърих бисёр низоъҳои байни давлатҳо маълуманд, ки дар асоси ихтилофи назар доир ба масъалаҳои об рӯй додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Воқеаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки фалокатҳои вобаста ба об дар тамоми ҷаҳон ба ҳаёт ва амнияти аҳолӣ таҳдид менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар машварати махсус бахшида ба мавзӯи «Ҳалли проблемаҳои ҷаҳонии обу санитария – вазифаи асосии амалӣ сохтани Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола», 22.09.2010, ИМА**

Дар шароити имрӯза хушксолӣ ва биёбоншавии замин ба бештар аз 1,2 миллиард сокини сайёра таҳдид менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳар сол дар қаламрави мамлакати мо 64 миллиард метри мукааб об ташаккул меёбад. Ин беш аз 60 дарсади маҷрои дарёҳои ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон аз ҳаҷми бузурги об даҳ дарсади онро сарф карда, оби боқимонда ба мамлакатҳои поёноб ҷорӣ мегардад, ки дар он ҷо асосан барои обёрӣ истифода бурда мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо вуҷуди захираҳои фаровони об бештар аз 40 дарсади аҳолии кишвари мо аз оби тозаи ошомиданӣ истифода бурда наметавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон айни ҳол аз рӯйи нишондиҳандаҳои қиёсии замини кишт ва истифодаи об ба ҳар сари аҳолӣ дар Осиёи Марказӣ ҷойи охиринро ишғол менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани таъминоти об ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола «Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии мамлакат бо оби тоза дар давраи солҳои 2008–2020»-ро қабул намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар даврони Шӯравӣ дар қаламрави кишварҳои поёноби Амударё ва Сирдарё зиёда аз сад обанбори пурҳаҷм сохта шуд, ки ҳаҷми умумии захираи оби онҳо аз масоҳати имрӯзаи баҳри Арал якуним баробар зиёд мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Соҳаи гидроэнергетика, ки 20 дарсади таъмини ҷаҳонии қувваи баркро ташкил медиҳад, манбаи муҳими барқароршавандаи энергия ба шумор меравад. Ин рақам дар Тоҷикистон ба 98 дарсад мерасад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мафҳумҳои обу энергетика барои кишвари мо ҳаммаъно ва тавъаманд мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон пешниҳод менамояд, то аз кӯли Сарез, ки дар маркази Помир, дар баландии 3300 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст, қубурҳои обгузар сохта, сокинони кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси байналмилалии бахшида ба татбиқи амалии 10-солаи "Амалиёти об барои ҳаёт", 08.06.2010 , шаҳри Душанбе**

Тағйирёбии иқлим яке аз мушкилоти муҳимтарини муҳити зист буда, қариб ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ҳаётии мардуми сайёра таъсир расонида истодааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Сабаби асосии тағйирёбии иқлим торафт афзоиш ёфтани партови газҳои гармӣ ба фазо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Танҳо дар давоми якчанд даҳсолаи охир ҳаҷми партови умумии газҳои гармӣ 70 дарсад ва сатҳи ғализии яке аз газҳои асосӣ–дуоксиди карбон дар ҷаҳон қариб якуним баробар афзудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Коршиносон хушдор медиҳанд, ки тағийрёбии иқлим дар ниҳояти кор тамоми кӯшишҳоро дар самти мубориза бо камбизоатӣ камсамар ва ҳатто ночиз хоҳад гардонд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон бинобар шароити мураккаби ҷуғрофии худ дар қитъаи Авруосиё яке аз кишварҳои аз тағийрёбии иқлим осебдида мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Солҳои охир ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар Тоҷикистон баланд шуда, офатҳои табиии марбут ба об зиёд гардидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон дар байни 200 кишвари ҷаҳон аз рӯйи партовҳои қиёсии дуоксиди карбон дар ҷои 150-ум қарор дошта, ба гурӯҳи кишварҳои хориҷкунандаи ҳаҷми ночизи партови гази гармӣ шомил аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар навбати аввал коҳишёбии пиряххо ба афзоиши оби дарёҳои алоҳида мусоидат намуда, сипас ҳаҷми оби бисёр дарёҳо метавонад кам шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Барои нигоҳ доштани манбаъҳои асосии об анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ, ташкили назорат аз болои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва огоҳкунии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин равандҳо тадбирҳои фаврӣ андешидан зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Обанборҳои неругоҳҳо танзими боэътимоди бисёрсола ва мавсимии ҷараёни обро, ки барои пешгирии офатҳои марбут ба об мусоидат мекунад, таъмин менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Саҳми Тоҷикистон дар тағйирёбии иқлим ночиз аст, вале бо дарки амиқи моҳияти проблемаи мазкур ва оқибатҳои манфии он барои инсоният дар чорабиниҳои байналмилалӣ фаъолона ширкат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйирёбии умумии иқлим нисбат ба истифодаи захираҳои табиӣ аз мо муносибати дастаҷамъона ва мукаммалеро тақозо менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Офатҳои табиӣ ҳамасола ба соҳаи кишоварзӣ, муҳити зист ва иқтисодиёти кишварҳое чун Тоҷикистон, ки 93 дарсади ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медиҳад, зарари зиёд мерасонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси сеюми умумиҷаҳонӣ бахшида ба проблемаи иқлим, 03.09.2009, Шветсария**

Арзёбии таъсири тағйирёбии умумии иқлим ба пиряххои Тоҷикистон нишон дод, ки аз се як ҳиссаи майдони умумии пиряххои кишвар кам шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Пиряххо манбаи асосии дарёҳои минтақа мебошанд ва бо таъсири гарм шудани иқлим об шуда истодаанд, аз ин лиҳоз шояд дар оянда оби онҳо аз 5 то 15 дарсад кам гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бояд кишварҳои Осиёи Марказӣ барномаву стратегияҳои худро доир ба истифодаи об, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ таҷдиди назар карда, тадбирҳои муштараке андешанд, ки онҳо ба рушди устувор мусоидат намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Инсоният аллакай бо мушкилоти нарасидани оби тозаи нӯшокӣ рӯбарӯст, чун беш аз як миллиард нафар сокини сайёра имкони ошомидани чунин обро надоранд. Нархи об дар баъзе кишварҳо имрӯз аз сӯзишворӣ гаронтар аст.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубоҳисаи умумии Иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Умумии СММ, 22.09.2009, ИМА**

Яқин аст, ки таҳти таъсири тағйирёбии глобалии иқлим дар бахши энергетика низ дигаргуниҳои муайян ба вуҷуд меоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Афзоиши шумораи падидаҳои экстремалии вобаста ба вазъи ҳаво ва тағйирёбии иқлим боиси ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои муайян дар истифодаи энергия мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Зарурати қабули тадбирҳои фаврӣ доир ба рушд ва азхудкунии манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҷорӣ кардани технологияҳои каммасраф ба вуҷуд омадааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Пиряххои Тоҷикистон,  ки манбаи ташаккули қариб 60 дарсади оби дарёҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, дар асри бисти милодӣ беш аз 35 дарсади ҳаҷми худро гум кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Мулоқоти сатҳи олӣ доир ба тағйироти иқлим ва энергетика, 21.09.2009, ИМА**

Тоҷикистон ба гурӯҳи даҳ маркази ҷаҳонии бойтарини дорои гуногуннавъии биологии набототу ҳайвонот, аз ҷумла рустаниҳои сершумори озуқадор, шифобахш, ороишӣ ва ҳайвоноти ваҳшӣ шомил мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Об барои инсоният аҳамияти ҳаётан муҳим дорад ва тамоми рӯйдодҳои ҷаҳон ба он вобастаанд, ки шарти асосии зиндагии муътадили тамоми мавҷудоти зинда, пеш аз ҳама,  инсон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳуқуқи баҳрабардорӣ аз обро, ки СММ эълон кардааст, ҳамчун ҷузъи ҳаётан муҳими таъминкунандаи шаъну эътибори инсонӣ ва ҳамчун заминаи таъмини ҳуқуқҳои дигари инсон баррасӣ кардан зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар назди мо вазифаи муқаррар намудани муносибатҳои нисбатан самарабахши муштарак бо мақсади истифодаи оқилонаи об барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ҳамаи одамон гузошта шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Танҳо муносибатҳои нисбатан самарабахши муштарак бо мақсади истифодаи оқилонаи об рушди устувори мамлакатҳоямон ва нигоҳ доштани сайёраро барои наслҳои оянда таъмин карда метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мушкилоти камбуди об ва коҳиш ёфтани сифати он проблемаҳои дигари иҷтимоию иқтисодиро ба миён меоранд. Ҳамаи ин мушкилот ба пешрафти босуботи минтақаи Осиёи Марказӣ хавфи ҷиддӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон барои ҳалли масъалаи таъмини об ва беҳтар кардани шароити беҳдоштии Осиёи Марказӣ пешниҳод намуд, ки аз кӯли Сарез ба мамлакатҳои дигари минтақа хатҳои обрасонӣ кашида шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйироти умумиҷаҳонии иқлим дар давоми солҳои охир ва рӯйдодҳои дигари ба он вобаста шароити зиндагии миллионҳо одамонро дар масъалаҳои таъминоти обу озуқа ниҳоят душвор мегардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқоти махсуси сатҳи олӣ дар мавзӯи "Об ва беҳдошти санитарӣ барои ҳамагон", 25.09.2008, ИМА**

Касе ба танҳоӣ аз уҳдаи бартарафсозии хатарҳои нави мураккаб дар чунин соҳаи ҳаётан муҳим, ба мисли об, баромада наметавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо ташаббуси Тоҷикистон мавзӯи об ҳадафи нави стратегии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид ва расидан ба он ба манфиати тамоми аҳли башар хоҳад буд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон сарзамини кӯҳҳои баланд ва ҳазорон кӯл, дарёҳои тезоб ва шаршараҳои дилрабо, ҳамчунин неругоҳҳои нодири барқи обӣ ва баҳрҳои сунъӣ аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо обро ҳамчун сарчашмаи зиндагӣ қадр мекунем ва ба ин неъмати бебаҳо арҷ мегузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

Имрӯз аз ҳар даҳ сокини олам чор нафар мунтазам аз беобӣ ё камбуди об азият мекашанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Оби тозае, ки барои инсон қобили истеъмол аст, ҳамагӣ як дарсади тамоми захираҳои оби сайёраи моро ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон агарчи дар саргаҳи оби тозаи минтақа қарор дорад, аз масъалаи глобалии танқисии оби тоза худро канор гирифта наметавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Гузашта аз ин, мо аз он дар ташвиш ҳастем, ки зиёда аз як миллиард одам дар ҷаҳон ба оби тоза дастрасӣ надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Вақте ки ҳар сол тақрибан панҷ миллион одам аз истеъмоли оби ифлос ва бемориҳои вобаста ба он ҷони худро аз даст медиҳанд, мо наметавонем мавқеи бетарафиро ихтиёр кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

Масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист, яъне масъалаҳое, ки асоси рушди устуворро ташкил медиҳанд, маҳз ба ҳамин захираи стратегӣ, ки манбаи ҳаёт дар рӯйи замин аст, иртибот доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Об манбаи нахустин ва ногузири қонеъ гардондани талаботи асосии инсон, пеш аз ҳама, барои ҳифзи саломатӣ, таъминоти ғизои безарар, тозагӣ ва нигоҳ доштани экосистемаҳо дар сайёраи мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Об манбаи ҳаёт ва ҷузъи асосии рушди устувор ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар миқёси ҷаҳон бехатарии об ва захираҳои он маънои сулҳ, пешравӣ ва суботро дар кишварҳо дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Амалан мо ба дараҷаи кофӣ об дорем, то ин ки бехатарӣ ва дигар масоили марбут ба таъминоти обро таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд усулҳои маъмулии танзиму истифодабарии захираҳои оби тозаро пурсамар гардонем.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар марҳалаи ҳозира мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ барои садҳо миллион нафар аҳолии сайёра дастрасӣ надоштани онҳо ба оби тоза мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Алалхусус дар соҳаи кишоварзӣ танқисии об мушкилот ва монеаҳои зиёдро ба вуҷуд меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳифзи сифати захираҳои об ва истифодаи сарфакоронаву оқилонаи онҳо бояд аз ҷумлаи вазифаҳои асосии кишварҳои Осиёи Марказӣ бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Фаромӯш набояд кард, ки оби тоза ба мисли нафту газ ва дигар неъматҳои табиӣ аз ҷумлаи сарватҳои миллии мост ва муносибати хоссаро тақозо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Агар мо хоҳем, ки тарзу усулҳои имрӯзаи истифодаи захираҳои обро тағйир диҳем, бояд корро аз тарбияи кӯдакони худ сар кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо вуҷуди фаровонии дарё, кӯл ва пиряххо, мушкилоти таъмин бо оби тоза дар кишвари мо низ эҳсос мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардуми тоҷик "Обу ободӣ" ва "Обу рӯшноӣ" мегӯянд. Зеро мардуми мо обро дар радифи хоку боду оташ аз ҷумлаи чор унсуре, ки бунёди ҳастиро ташкил менамоянд, муқаддас меҳисобад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бехатарии об, аз ҷумла ҳимоят аз офатҳои табиии марбут ба об ба ҳалли проблемаҳои ҷиддитарини экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба Тоҷикистон, ки 93 дарсади қаламрави он аз кӯҳҳо иборатанд, бештар офатҳои табиие таҳдид менамоянд, ки ба об марбутанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Шумораи одамоне, ки дар натиҷаи сел ва обхезиҳо дар Тоҷикистон ҳалок шудаанд, дар давоми даҳ соли охир аз 300 нафар ҳам гузаштааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Хароҷоти вобаста ба пешгирӣ ва аз байн бурдани хавфи офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон дар давоми ҳашт соли охир беш аз 65 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Танҳо арзиши умумии нуриҳои аз қабати хок шусташуда тақрибан 20–25 миллион долларро ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Оқибатҳои буҳрони баҳри Арал ба шароити зиндагии аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон яке аз ташаббускорон ва таъсисдиҳандагони Фонди байналмилалии наҷоти Арал мебошад ва ҳар сол 0,1 дарсади қисми даромади буҷети худро ба ҳисоби он мегузаронад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар давоми даҳ соли охир масоҳати пиряххои минтақаи Осиёи Марказӣ аз 30 то 35 дарсад кам гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зарурати истифодаи васеи технологияҳои навини каммасрафи об ба миён меояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Оби кӯли Сарез, ки оби тозатарини ошомиданӣ аст, барои 40 миллион аҳолии Осиёи Марказӣ, ки имрӯз дар он проблемаи об ҷиддӣ гардидааст, то абад басанда мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси байналмилалӣ бахшида ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиии марбут ба об, 26.06.2008, шаҳри Душанбе**

Захираҳои оби мо ҳамзамон манбаи муҳимтарини истеҳсоли қувваи барқи нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ безарар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Танҳо ҳамкории мутақобилан муфид дар масъалаи истифодаи оқилонаю самарабахши онҳо метавонад сабаби некуаҳволии сокинони минтақаи Осиёи Марказӣ гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Нақши муассири об на танҳо барои истеъмол, балки барои амалӣ сохтани ҳадафҳои истеҳсолот, ҳифзи муҳити зист ва рушд маъруф аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар давоми якчанд соли охир чорабиниҳои зиёди сатҳи гуногун доир карда шуданд, вале шиддати ин мушкилот то ҳанӯз боқист

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубоҳисаи умумии Иҷлосияи 63-уми Маҷмаи умумии СММ, 26.09.2008, ИМА**

Об як ҷузъи зарурии рушди устувор ва "иқтисодиёти сабз" аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Нарасидани оби тоза яке аз проблемаҳои ҳазорсолаи нав мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Дар саросари олам ҳар сол барои истеҳсоли микдори зарурии озуқа торафт бештар об лозим мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз рӯйи ҳисоби муассисаҳои озуқа ва кишоварзии СММ баъди сӣ сол барои бо озуқа таъмин намудани аҳолии сайёраи Замин нисбат ба давраи ҳозира зарурати 60 дарсад бештар об ба миён хоҳад омад.

Эмомалӣ Раҳмон

Пешбинӣ карда мешавад, ки то соли 2030 ҳар панҷумин мамлакати рӯ ба инкишоф аз нарасидани об ба душвориҳои калон рӯбарӯ хоҳад гашт.

Эмомалӣ Раҳмон

Барои беҳтар намудани технология ва идораи захираҳои об барои таъмини тараққиёти иқтисодӣ ва сабуктар сохтани бори гарони камбизоатӣ маблағҳои зиёд зарур аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки проблемаҳои нарасидани об ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон қарор гирад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 58-уми Маҷмаи Кулли СММ, 30.09.2003, ИМА**